**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

**УДК: 35 ч/354 (575.5) (09)**

**ҚОДИРОВ З. Қ.** [1]

# САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола таърихи пайдоиш ва ба вуҷуд омадани унсурҳои худидоракунии маҳаллӣ, ба монанди: ҷамоаи авлодӣ, шӯрои куҳансолон, оқсақол-ҳамчун институти роҳбарикунанда, ҳашар, анҷуман, шӯроҳои маҳаллӣ, маҳалла ва деҳот ҳамчун ҳудуди амалигардонии худидоракунии маҳаллӣ ва ғайраҳо дида баромада шудаанд.

**Калидвожаҳо:** конститутсия, институти иҷтимоӣ, ҷамоат, шӯрои куҳансолон, оқсақол, ҳашар, анҷуман, шӯроҳои маҳаллӣ, деҳот, худидоракунии маҳалӣ, кумитаи маҳалӣ, хоҷагидории маҳаллӣ.

Институти иҷтимоӣ ҳамчун худидоракунии маҳаллӣ дар фарҳанги идоракунии миллати тоҷик таърихи хеле куҳан дорад. Таърихи тӯлонӣ доштани муносибатҳои хайрхоҳона ва кӯмакҳои эҳсонкоронаи миллати тоҷик нисбат ба ҳамдигар дар лаҳзаҳои душвортарини ҳаёт аз мавҷудияти азалии унсурҳои худидоракунии маҳаллӣ шаҳодат медиҳад.

Омӯзиши таҷрибаи таърихӣ на бо мақсади боз гардонидани ин ё он институти ҷамъиятӣ, ки дар ҷомеаи тоҷикон ҷой доштанд, балки мақсади асосӣ ин таҳлил ва таҳқиқ намудани муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба пайдоиши институти худидоракунӣ замина гузоштанд, иборат мебошад.

Барои тасвири симои иҷтимоии тоҷикистониён ва аз тарафи онҳо чӣ гуна дарк карда шудани моҳияту мақсади худидоракунии маҳаллӣ моро зарур аст, ки аз нуқтаи назари таърихӣ онро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Аз ин рӯ, таърихи пайдоиш ва ташаккул ёфтани институти худидоракунии маҳаллиро дар Тоҷикистон бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ метавон ба се давра ҷудо намуд:

1) То давраи инқилоб (аз ба вуҷуд омадани аввалин ҷомеаи тоҷикон то соли 1920- и асри XIX);
2) Давраи баъд аз инқилоб (аз соли 1921 то соли 1990);
3) Аз давраи соҳибихтиёрӣ то имрӯз (аз 1991).

Дар бораи ташаккул ва инкишофи институти худидоракунии маҳаллӣ то давраи инқилобӣ таҳқиқот ва маълумотҳои омӯзишӣ хеле кам боқӣ мондаанд. Дар бештари сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ ба худидоракунии ҷамъиятии тоҷикон бештар аз давраи пайдо шудани халқияти «тоҷик» ва ҷомеаи тоҷикон ишора мекунанд [1].

Чи тавре, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ячейкаи ибтидоии худидоракунӣ ин ҷамоаи авлодӣ ба шумор меравад, ки одамонро дар атрофи муносибатҳои ҳамхунӣ ва хешу таборӣ муттаҳид намуда, мақоми идоракунии онро шӯрои авлодӣ ташкил медод. Шӯрои авлодӣ вобаста ба шакли ташкил, сохтор ва воситаи баамалбарории ҳокимият дар асоси принсипи худидоракунӣ бунёд шуда, онро сардори авлод роҳбарӣ мекард.

Нақши шӯрои калонсолон барои ташкил намудани фаъолияти ҳаётан муҳимми аҳолии маҳал ва пеш аз ҳама ба меҳнати умумӣ дар самти обшор намудани заминҳо сафарбар намудани аҳолӣ хело калон буд. Онҳо дар ин самт ҳамчун мақомот функсияи идоракуниро дар даст доштанд [2].

[1] **Адрес для корреспонденции:** Кодиров Зохир-млад. науч. сот. Отдела социологии Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ. Республики Таджикистан. 734067 Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Нахимов 64/14. Тел: 93 562 98 54. E-mail: zohir-85@mail.ru

Аз ин ҷо бар меояд, ки таъсис ёфтани Шӯрои куҳансолон (саркор ва баъдтар сардор) минбаъд тавонист ба худидоракунии ҷамъиятии тоҷикон замина гузорад.

Аз ибтидо халқияти тоҷик новобаста аз мавқегириашон дар минтақаҳо, сулола ва давлатҳои гуногун дорои санаъти баланди худидоракунӣ буданд. Ба сифати ягонагии ҳудудӣ, ки дар он таърихан худидоракунии анъанавии тоҷикон ташаккул ёфтааст ин – махалла мебошад. Аммо вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ ва сокиншавии аҳолӣ ягонагии ҳудудиро ба ғайр аз "маҳалла" боз бо идораҳои дигар ба монандӣ: "гузар", "кӯй", "деҳа", "қишлоқ" ва дар баъзе минтақаҳо бо назардоши миқдори ҷойгиршавии ҳавлиҳо онро бо рақам "даха", "сада" ва "ҳазора" низ ифода менамуданд. Ҳангоми ҳамроҳшавии Аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ барои ифодаи ягонагии ҳудудӣ дар сатҳи маҳал бештар ибораи "квартал" истифода бурда мешуд.

Ибораи деҳа ва қишлоқ синоним буда, як маъноро ифода менамоянд ва метавонанд баробар истифода бурда шаванд. Маҳалла моҳиятан нисбат ба деҳа махдудтар буда, аз ҷиҳати фарогири ҳудуд як қисмати онро ташкил медиҳад.

Деҳа ё дар шакли ҷамъ деҳот ҳамчун сохтори иҷтимоӣ устувории худро вақти тулонӣ нигоҳ дошта, хусусияти архаистиро касб намуда буд. Деҳот то давраи ҳамроҳшавӣ ва баъд аз ҳамроҳшавии кишвар ба Россияи подшоҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон яке аз воҳидҳои асосии сокиншавии аҳолӣ ба шумор мерафт. Таркиби асосии ҳамаи ин воҳидҳоро дар деҳот авлод ташкил медод, ки дар худ сохти мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодиро нигоҳ дошта, асоси онро муносибатҳои ҳамхунӣ ва хешу таборӣ ташкил медод.

Маҳалла дар дохили деҳа низ ҳамчун воҳиди маъмурӣ-хоҷагидорӣ ва ҷомеаи ҳудудӣ (ҳамсоягӣ) аз тарафи оқсақол – "элликбошӣ" (пятидесятник), ки аз ҷониби истиқоматкунандагони квартал интихоб мегардид, идора карда мешуд. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои мавҷуда дар соли 1899 дар шаҳри Хуҷанд ҳамагӣ 116 элликбошӣ (пятидесятник) мавҷуд буд [3]. Аз ин ҷо бар меояд, ки дар он давра ба ҳамин миқдор зиёд маҳаллаҳо мавҷуд буданд. Маҳалла гурӯҳи ҳавлиҳоро, ки дар як кӯча ва ё тангкӯча дар атрофи масҷид ҷой мегирифтанд, фаро мегирифт. Аломати асосии маҳалла дар шаҳри Хуҷанд масҷид ба шумор мерафт. Ба ҳамин фикр монанд О. А. Сухарева, хеле дуруст қайд менамояд, ки "бунёди масҷиди нав маънои бавуҷуд омадани маҳаллаи нав, ҷамоаи нав ва доираи нави одамонро дошт, ки имконияти нигоҳ доштани масҷидро доранд" [4]. Аз 146 маҳаллаи Хуҷанд танҳо ду маҳаллаи он – Чакари курна ва Чакари Читгарон масҷиди худро надоштанд [5].

Зинаи поёнии низоми маъмурии давраи феодалиро дар сатҳи маҳал оксакал, арбоб ва амин ташкил медоданд, ки барои саривақт ва бекаму кост ҷамъоварӣ намудани андоз мусоидат намуда, аз тарафи шаҳрвандон иҷро шудани уҳдадориҳояшонро назорат мекард. Инчунин ба вазифаи оқсақол назорат аз болои тартибот ва амният, таҳқиқи воқеаҳои на он қадар калон, баррасии баҳсҳо, мурочиат ва шикоятҳои аҳолии маҳал низ дохил мегардид. Оқсақол актҳои хариду фурӯши хонаҳоро шаҳодат дода, дар марросими тақсим намудани моликияти мероси шаҳрвандон ширкат меварзид [6]. Оқсақол манфиатҳои меҳнатии деҳқононро ҳифз намуда, онҳоро дар муносибат бо ҳокимияти давлатӣ ҳангоми муайян намудани меъёри ситонидани андоз аз маҳсулот ва баррасӣ намудани баҳсҳое, ки миёни андозсупорандагон ва ҳокимият бавуҷуд меомадаанд, намояндагӣ мекард.

Оқсақол ҳамчун намоянда ва ҳомии («заступник») ҷомеаи маҳаллӣ дар назди ҳокимияти давлатӣ* ва ҳамчун шахсе, ки корҳои дохилии ҷомеаи деҳотро (назорат бурдан аз болои анъанаҳои патриалхалӣ, авлодӣ, меъёрҳои урфу одат, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо) ба зима дошт дар наздӣ аҳолии маҳал баромад менамуд.

Бинобар ин, аз рӯи гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки оқсақол ва дигар шахсони маъмурии деҳот ба ду сифат: 1) ҳамчун намояндаи маъмурият (давлат) дар сатҳи деҳа ва

---

* В разделе, посвященном административному устройству, было указано, что при взимании налогов староста рассматривался как блюститель интересов крестьянина, в то время как амин считался «объективным» лицом.

2) дар як вақт ҳамчун намояндаи ҷомеаи деҳа, ки бевосита аз тарафи сокинон интихоб мешуданд, баромад менамуданд.

Унсурҳои асосии худидоракунӣ дар тӯли таърихи мавҷудияти ҷомеаи анъанавии тоҷикон дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтаанд. Яке аз ин унсурҳо «хашар» мебошад, ки то ҳол аҳамияти худро гум накардааст.

Ҳашар аломати асосии институти худидоракунии маҳаллӣ буда, асоси онро ёрии байниҳамдигарии бемузд ташкил медиҳад. Чи тавре, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бар меояд, хашар- ин урфу одати қадимаи кӯмаки дастаҷамъӣ ба хешу табор, ҳамсоя ва ё ҳамқишлоқ мебошад, ки онҳо худ бо ин ё он сабаб: – беморӣ, кам будани дасти ёрӣ, ҷисман маҳрум будан аз имкониятҳои иҷро намудани ин ё он кор, пеш аз ҳама корҳои саҳроӣ: шудгор, дарав, кашонидани хирмани маҳсулот ва баъзан сохтмон ва таъмири хона, тоза намудани оғил ва кашонидани пору ба замин, коркард намудани маътои пашмин ва ба ҳамин монанд корҳоро имконияти иҷро кардан надоранд [7].

Давраи дуюми инкишофи худидоракунии маҳаллиро метавон давраи демократияи мутамарказ номид, ки он баъд аз ғалабаи инқилоби октябр дар Бухорои Шарқӣ аз соли 1924 оғоз меёбад. Яке аз принсипҳои асосии ин давраро тобеъияти пурраи зинаи поёнии идоракунӣ ба зинаи болоӣ ташкил медод. Аз 5 феврали соли 1925 ҳамаи институтҳои куҳнаи давлатии Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуданд. Бо сабаби мавҷуд набудани коргарони баландихтисоси шӯравӣ дар сатҳи маҳал функсияи Советҳоро мувақатан оқсақол ва амлокдор иҷро мекард. Моҳи апрели соли 1925 ҳамаи институтҳои анъанавии худидоракунии маҳалӣ ба Советҳои маҳаллӣ иваз шуданд. Советҳо ба низоми ягонаи мақомоти давлатии ҳокимияти Шӯравӣ дохил шуда, ҳамчун намоянда ва иҷрокунандаи иродаи ҳокимияти марказӣ дар маҳал ба шумор мерафт [8].

Танҳо конститутсияи соли 1936 ИҶШС ин нақшаро қисман тағйир дод. Съезди советҳо барҳам дода шуд. Аз соли 1937 РСС Тоҷикистон, дар баробари дигар республикаҳои иттифоқӣ советҳои маҳаллиро бо роҳи интихоботи бевосита ташаккул медод. Аммо на советҳои олӣ ва на советҳои маҳаллӣ мустақилияти идоракуниро дар мамлакат соҳиб набуданд. Мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии ИҶШС -ро низоми ягонаи ҳизби давлатӣ ташкил медод. Бе мувофиқаи Ҳизби Коммунистиии Иттиҳоди Шравӣ, советҳо ҳеҷ ягон қарорро новобаста аз муҳимияти он қабул карда наметавонистанд [9]. Ҳатто нақшаи панҷсолаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро, ки нақшаи асосии идоракунӣ ба шумор мерафт бемувофиқа бо ин сохтор қабул карда наметавонистанд [10].

Истилоҳи худидораукнии маҳаллӣ бо Советҳои маҳаллӣ як хел нисбат дода мешуд, аммо он ҳаргиз маънои худидоракуниеро, ки дар давлатҳои Аврупо амал мекард, надошт. Советҳои маҳаллӣ дар якҷоягӣ бо ҳамаи дигар Советҳо асосҳои сиёсии давлати сотсиалистӣ ва мақоми ҳокимияти халқиро ташкил медод [11]. Корҳоеро, ки онҳо иҷро мекарданд, қисман кори давлатӣ буда, онро худи меҳнаткашон, ки аз ҷониби аъзоёни ҷомеа интихоб шуда буданд, иҷро мекарданд. Моҳияти асосии худидоракунии маҳаллӣ танҳо бо аз тарафи аҳолии маҳал интихоб шудани аъзоёни Советҳои маҳаллӣ маҳдуд мегардид [12]. Вобаста ба ин, Советҳои маҳаллиро ҳамчун мақоми худидоракунии маҳаллӣ тавсиф менамуданд, ки аз асли воқеият тамоман дур буд.

Ҳамин тариқ, Шӯрои Олии ИҶШС ва советҳои олии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла советҳои олӣ ва маҳалии Тоҷикистон дар кишвар воқеан мустақилияти худидоракуниро надоштанд.

Раванди бавуҷуд омадан ва дар амал тадбиқ гардидани принсипҳои асосии демократия дар ИҶШС солҳои 80-ум аз мақомоти асосии ҳокимият- Советҳои олӣ ва маҳаллӣ ворид намудани тағйиротро дар фаъолияти ташкилиашон талаб намуд.

Дар ин давра дар матбуоти даврӣ, адабиётҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мафҳум, сохтор, функсия ва тарзи ташкили он маводҳо ба чоп мерасиданд. Ҳамчунин дар солҳои охир дар як қатор қарорҳои ҳизбӣ ва давлатӣ

зарурияти инкишоф додани худидоракунии ҷомеаи маҳаллӣ ва мустаҳкам намудани фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ қайд мегардид. *

Бояд зикр намуд, ки дар ин давра советҳои маҳаллӣ вобаста ба иҷрои функсияашон ҳам ба сифати мақоми давлатӣ ва ҳам ба сифати мақомоти худидоракунии халқӣ баромад менамуданд.

Яке аз камбудии ҷиддие, ки дар системаи сиёсии он давра ҷой дошт ин аз ҳад зиёд давлатӣ кунонидани ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор мерафт. Барои бартараф намудани ин ва дигар масъалаҳо, масалан, «…кушодани фазои муайян барои равандҳои худамалишавӣ ва худидоракунии ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои инкишофи пурраи ташаббуси шаҳрвандон» пешбинӣ карда шуда буд [13]. Аз ҷумла, дар заминаи татбиқ намудани ин сиёсат воқеан худидоракунии маҳаллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз гардид.

Вобаста ба ин ба таври фаврӣ дар миқиёсӣ умумиҷумҳуриявӣ аз 9 апрели соли 1990 қонуни «Дар бораи принсипҳои умумии ташкили худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ дар ИҶШС» [14] қабул карда шуд. Аввалин маротиба дар қонунгузорӣ мафҳуми моликияти коммуналӣ истифода гардида, дар баробари заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ инчунин барои таъмини фаъолияти он заминаҳои моддӣ ва техникӣ низ фароҳам оварда шуд.

Давраи сеюми ташаккули институти худидоракунии маҳаллӣ бо қабул гардидани «Эъломияи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри 1991, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати мустаъқил эълон намуд, оғоз мегардад. Бо сабаби оғоз гардидани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991 ва 1997 дар Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии худидоракунии маҳаллӣ, ки дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС гузошта шуда буданд аз байн рафтанд.

Мазмуни консепсияи худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи қонунгузории кишвар мантиқан баъд аз қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 қисман дар моддаи 78 бо як ҷумла: «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст…» ифодаи худро ёфт.

Баъд аз қабули констиутсия дар муҳлати кӯтоҳ аз 01. 12. 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [15] қабул карда шуд, ки он ҳамчун қонуни асосӣ аввалин бор ба таври равшантар тартиби ташкил ва фаъолияти онро танзим намуд ва аз 05. 08. 2009 бошад, таҳти рақами №549 бо таҳрири нав аз нав қабул карда шуд.

Ҳамин тавр, ҳангоми омӯзиши асарҳои таърихӣ ва санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқие, ки дар тӯли таърих фаъолияти худидоракунии маҳалиро танзим намудаанд, бо истифода аз методи таърихӣ ва пайдарпаӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

**Адабиёт**


1. Аминджанов, Б.С. Местное самоуправление в Республики Таджикистан /Аминджанов Б.С. – Худжанд: Андеша, 2010, ст. 48;
2. Массон, В.М. Первые цивилизации / Массон В. М. – Ленинград: Наука,1989 ст. -156;
3. ЦГА Тадж. ССР. ф. . оп. 1, д. 625;
4. Сухарева, О. А. К истории городов Бухарского ханства / Сухарева О. А. -Ташкент, 1958, ст. 77;
5. Турсунов, Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана 19 начала 20 в./ Турсунов Н.О. –Душанбе: Ирфон, 1976, ст. 70;
6. Южаков, Ю. Д. Наши приобретения в Средней Азий (Ура –тюбе и его -округ)ю., “отечественные записки”. 1867, №. 7-8; Турсунов Н. О. Развитие городских и сельских поселений северноготаджикистана в XVIII – начале XX вв. / Южаков Ю. Д. – Душанбе: Ирфон, 1991, ст. 93;
7. Раҳимов М. Р. Земледелие таджиков... / Раҳимов М. Р. -С. 122;
8. Фаньян, Д. К. истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929гг.). Сборник документов. - Сталинабад: таджикгосиздат. 1941. -с. 69. ; История таджикского народа. Том V.


* О практике руководства Советами народных депутатов Грузинской ССР работой депутатских групп, постов и органов общественной самодеятельности в свете требований XXVII съезда КПСС: Постановление Президиума Верховного Совета СССР //Ведомости Верховного Совета СССР. 1986. №31.

(Новейшая история 1917-1941). / Фаньян Д. К., Под ред. Академик Р. Массов: -Душанбе, 2004. – С.381;

9. Василиев, В. И. Демократический централизм в системе Советов. М., «Юрид. лит. «, 1973. стр. 104; Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистан / Василиев В. И. -Душанбе: 2003. -С. 87-88;

10. Мухамеданов, А. Совет народных депутатов – главное звено социалистического самоуправления // Советы – Органы самоуправления на современном этапе (сборник научных трудов) / Мухамеданов. А. –М. 1987. -С. 34;

11. «Материалы XXVI съезда КПСС», М., 1971. –С. 77;

12. Василиев, В. И. Демократический централизм в системе Советов / Василиев В. И. - М.: Юрид. лит. , 1973. –С. 33;

13. Материалы XIX Всесоюзной конференции Коммунистической партии Советского Союза. 28 июня – 1 июля 1988 года. -М., 1988. -С. 36-38;

14. Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990 г., №16, с. 267;

15. Ведомости Верховный Совет Республики Таджикистан, 1994 г., №23-24. –С. 450;

**КОДИРОВ З. К.**

## ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ИНСТИТУТА МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается история становления и возникновения элементов местного самоуправления, в том числе: родовое сообщество, совет старейшин, институт аксакал-как управляющий институт, хашар (взаимопомощь и безвозмездный труд), анджуман (собрание), местные советы, маҳалла и сел как территория реализации местного самоуправления и другие.

**Ключевые слова:** конституция, социальный институт, джамоат, совет старейшин, аксакал, хашар (взаимопомощь и безвозмездный труд), анджуман (собрание), махаллинские советы, село, местное самоуправление, местный комитет, местное хозяйство.

**KODIROV Z. K.**

## HISTORICAL BACKGROUND OF THE LOCAL INSTITUT OF SELF-GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the history of the formation and the elements of local government, including generic community council of elders, the institution of elder-like managing institution hashar (mutual aid and unpaid work), Anjuman (meeting), local councils, mahalla and village as the territory of implementation local government and others.

**Keywords:** constitution, a social institution, Jamoat, a council of elders, aksakol, hashar (mutual aid and unpaid work), Anjuman (meeting), mahalla councils, village, local government, the local committee, the local economy.